**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» мубрам мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсия дар заминаи тағйироти куллӣ ва талаботи навини соҳаи маориф ва илм, дар самти омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиӣ махсусан таърихи онҳо, аз аҳамияти калони илмию амалӣ бархурдор мебошад.

Тоҷикон таърихи ғанӣ доранд, ба қавли Ҷаноби Олӣ, халқи тамаддунофар буда, дар баробари назму наср, дар дигар соҳаҳои илму фарҳанг, хусусан илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд, саҳми онҳо дар ташаккул ва инкишофи илмҳои риёзӣ, табииётшиносӣ ва техникӣ то ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» аз таҳқиқоти саривақтӣ дар ин ҷода буда, ба андешаи ман, саҳми ниёгони тоҷикон дар осори яке аз донишмандони бузурги форс-тоҷик то андозае равшан месозад ва хеле фаҳмо ва дақиқ таълиф гардидааст.

Бояд гуфт, ки омӯзиши илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар маҷмуъ яке аз фаслҳои муҳимми фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мебошад, ки таҳқиқу таҳлили он бевосита дар партави дастуру ҳидоятҳо ва эъломияи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" барои солҳои 2020-2040 созгор ва айни муддаост.

Қобили тазаккур ва боиси ёдоварист, ки тамаддуни ба ном исломӣ, махсусан ва дақиқан дар асрҳои IX-XI риштаҳои мухталифи илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик давраи нашъунамои худро сипарӣ намудааст. Маҳз бад-ин сабаб, мубрамияти мавзуи диссертатсионии мазкур дар чаҳорчӯбаи фаъолияти илмии як нафар аз садҳо нафар донишмандони оламшумули форс-тоҷик – Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ интихоб шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои илм хеле ва хеле камназир мебошад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда ба зарурати илмӣ ва амалӣ, хусусан дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ ҷавобгӯ буда, барои баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисони таърихи илм мусоидат менамояд.

Мавзуи баррасишавандаи рисолаи диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлат ин таҳқиқот ба рушди тафаккури системавӣ дар фаъолияти таҳқиқотии мутахассисони таърихи илму техника нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти суханони зикршуда месазад бигӯем, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Махсумзода Н. Д. дорои аҳамияти баланди илмӣ-таърихӣ буда, ба талаботи стратегии рушди соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад..

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар диссертатсия навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дуруст баён гардида, асоси

методологии диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили илмии таърихи илм ташкил дода, имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ҳамгироии донишҳои табиию риёзӣ, ки ба вазифаҳои гузошташуда мантиқан дуруст мебошад, муайян карда шудаанд.

Аз ҷониби Махсумзода Нигина Давлат бори нахуст саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ ҳамчун рисолаи илмии тахассусӣ аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илму техника (таърих) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки дастоварди арзишманди илмӣ-таърихӣ маҳсуб меёбад. Инчунин, муҳтавои таҳқиқот ба баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони таърихи илму техника нигаронида шудааст.

Диссертант Махсумзода Н. Д. навгонии пажӯҳишоти хешро мухтасаран ва мушаххасан дар шакли зер муайян кардааст, ки ба назари мо, комилан дуруст аст:

1. Ҷанбаҳои осору афкори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ бо системаи муайяни илмӣ ва нақши он дар таърихи илм;

2. Нақши осори Абубакри Розӣ дар саромади илмҳои табииётшиносӣ, махсусан физика ва химия ва таъсири он дар осору афкори донишмандони баъдии асримиёнагии форс-тоҷик;

3. Муайян кардани мавқеи илмҳои табииётшиносӣ дар системаи илмию фалсафии Абубакри Розӣ ва дараҷаи омӯзишу зарурияти он дар замони инкишофи босуръати техникию технологӣ;

4. Аҳамияти омӯзиши осори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ ва татбиқи он дар марҳалаҳои муайяни таърихи илм ва техника.

5. Мавзуи мазкур аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рамзи 6.1.7. мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Махсумзода Н. Д. пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии таърихи илму техника, усулҳои назариявӣ ва инчунин

таҳлили ҷанбаҳои амалӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таъмин гардидааст. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ-таърихӣ мебошанд.

Диссертант ба ақидае аст, ки истифодаи осори гаронбаҳои ниёгони тоҷикон дар ташаккул ва инкишофи илму техника дар мавриди азхудкунии фанҳои таълимӣ, аз ҷумла ва хосатан фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин менамояд. Дар ин васила, муаллиф иҷрои як қатор андешаҳоро пешниҳод намудааст, ки ба назари мо арзанда ва созгор мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 171 сафҳаи компютерӣ тасниф гардида, аз муқаддима, се боб бо шаш зербобҳояш, хулосаҳои умумӣ, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда комилан дуруст ва саривақтӣ муайян гардидаанд.

Махсумзода Нигина Давлат дар **боби якуми** диссертатсияи худ, ки «Вазъи илму фарҳанг дар Хуросону Моварounнаҳр дар асрҳои IX-X» ном дорад ва аз ду зербоб иборат аст, Вазъи сиёсиву иҷтимоию ҷуғрофӣ ва муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розиро дар ватани бумии тоҷикон – Хуросон ва Фарорӯд илман ва таърихан дуруст мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст. Дар зербоби аввал диссертант дуруст қайд менамояд, ки маҳз давраи давлатдории Сомониён, ки дар таърих бо номи аввалин давлатдории тоҷикон ёд мешавад, давраи дастовардҳои этникӣ-маданӣ ва сиёсӣ иҷтимоии халқи тоҷик дар заминаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба амал омада, илм, санъат, техника ва ҳунарҳои гуногун пайдо шуда, рӯ ба инкишоф овардаанд.

Дар зербоби дуюми боби аввали рисолааш Махсумзода Н.Д. ҳақиқати илмӣ-таърихиро роҷеъ ба таърихи тамаддуни тоҷикон дуруст нишон додааст. Ӯ комилан дуруст қайд менамояд, ки дар замони ҳаёт ва фаъолияти Абубакр

Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки аз 10-солагӣ то охири умраш пурра ба даврони салтанати Сомониён (819 – 999) рост меояд, яке аз даврони мусоидтарини ривоҷу равнақи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ, хосатан ташаккул ва инкишофи илму техника барои Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт. Мавҷудияти давлати тоҷикии Сомониён, ки фарогири кишварҳои имрӯзаи Эрон, Афғонистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва қисмати ҷанубии Қазоқистон буд, барои пешравии илму фарҳанги минтақа шароити мусоидро созгор гардонида буд.

Хулосаи боби якуми рисола маълум менамояд, ки муҳити ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ яке давраҳои бисёр мусоид барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Дар **боби дуюми рисола «Зиндагиву осор ва таҳқиқоти мероси илмии Абубакри Розӣ»**, ки низ аз ду зербоб иборат аст, масъалаҳои “Марҳалаҳои таҳқиқи осори Абубакри Розӣ” ва “Мухтасари ҳаёт ва фаъолияти илмии Абубакри Розӣ” мушахасан ва ҳадафрас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки диссертант махсусан масъалаи марҳалаҳои пажӯҳиши осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро хеле возеҳу фаҳмо ва дақиқу илмӣ баён карда тавонистааст. Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишоти мавҷудаи истифодашуда ба забонҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф асосан бар мабнои яке аз манбаи асосӣ - «Феҳраст кутуб Муҳаммад бин Закарийё ар-Розӣ» («Номгӯйи китобҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ»)-и Абурайҳони Берунӣ қарор гирифтааст.

Абубакри Розӣ ҳамчун мутафаккири ҳамаҷониба дар соҳаҳои мухталифи донишҳои замонааш, махсусан илмҳои табииётшиносӣ саҳми босазо ва мондагор гузоштааст, ки онҳо дар беш аз 200 дастхати ӯ инъикос ёфта, тавассути омӯзишу пажӯҳишоти донишмандони Шарқу Ғарб то андозае омӯхта шудаанд.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки муҳити ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ яке давраҳои бисёр мусоид барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, гуфтан меарзад, ки дар зербобҳои ёдшудаи боби дуюми рисолаи Махсумзода Нигина Давлат, ки зикри номашон рафт, мазмуну мундариҷаи боб пурра ва ҳадафрас инъикос ёфтаанд.

**Боби сеюми** диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат «Саҳми Абубакри Розӣ дар рушди илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ном дошта, низ аз ду зербоб иборат аст, ки гуфтан мумкин аст, ҷавҳари таҳқиқоташ ба шумор меравад. Дар зербоби аввали боби сеюм «Раддабандии илмҳо дар таърихи илм аз замонҳои қадим то асрҳои миёна» классификатсияи илмҳо аз ҷониби Афлотун, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино ва худи Абубакри Розӣ дар шакли нақша хеле ҷолиб нишон дода шудааст. Возеҳ аст, ки дар он раддабандии Абубакри Розӣ муфассалтару пурратар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки илмҳои риёзиву табииётшиносӣ дар асрҳои миёнаи олами ислом фарогири донишҳои риёзӣ (арифметика, алгебра, геометрия, тригонометрия), нуҷум (астрономия ва астрология), илми табиӣ (физика), кимиё (химия), зистшиносӣ (биология) ва амсоли инҳо буда, илмҳои ақлӣ номида мешаванд.

Дар **зербоби дуюми боби сеюм**, ки «Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму техникаи ҷаҳони ислом» номгузорӣ шудааст, таъсири таълифоту таснифоти Абубакри Розӣ ба эҷодиёти илмии аксари донишмандони табиатшиноси ҳамзамону баъдинаи олами исломи асримиёнагӣ, аз қабили Абуҳотами Розӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ, Абуалӣ ибни Сино, пеш ва беш аз ҳама, дар фаъолияти илмию техникии Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант Махсумзода Н. Д. дар ин зербоб дуруст қайд ардааст, ки дар таърихи илму техника аксари донишмандони табиатшиноси асримиёнагии олами ислом, ки баъд аз Муҳаммад Закариёи Розӣ зистаанд ва ба корҳои сохтани тарозуҳои табиӣ машғул шудаанд, бевосита дар зери таъсири «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи физикӣ»)-и ӯ корҳои худро анҷом додаанд. Барои мисол метавонем ду асари Абурайҳони Беруниро бо номҳои «Китоб фӣ-н-нисоби аллатӣ байна ал-филиззоти ва-л-ҷавоҳири фӣ-л-ҳаҷми ва-л-вазн» («Китоб андар муносибати фулузот ва сангҳои қиматбаҳо аз рӯйи ҳаҷм ва вазн»); «Ал-Китобу фӣ-л-мақойили ва мавозини ва шароити-т-тайёр ва-ш-шавоҳин» («Китоб андар андозагирии ҳаҷм ва вазн дар шароити намуна [бо мувофиқати тилло]») ва як асари Абдураҳмони Хозиниро бо номи «Мизон-ул-хирад» («Тарозуи хирад») ёдовар шавем, ки дар ин соҳа тасниф шудаанд.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки дар таърихи илм ва техникаи ҷаҳонӣ Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бо лақаби «падари илми химия» шинохта шудааст, ки донишмандони Шарқу Ғарб онро эътироф кардаанд. Муаллиф таъкид кардааст, худи ҳамин масъала далели он аст, ки донишманде, ки бо теъдоди 22 асари бахшида ба илми кимиёияш «падари илми кимиё» эътироф гардида бошад, бо теъдоди қариб 40 номгӯй асарҳои ба илми физика бахшидашудааш ҳанӯз дар миёни донишмандони муосири Шарқу Ғарб ба таври бояд шинохта нашудааст, ки албатта, омӯзиш ва пажӯҳиши он пеш ва беш аз ҳама ба меросбарони осори ӯ вобаста аст.

Маълуми ҳамагон аст, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ асосан ҳамчун табиби ҳозиқ ва файласуфи воломақом шинохта шудааст, аммо ҷанбаҳои табииётшиносии ӯ то ҳол омӯхта нашудаанд, ки диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат ба ҳамин ҷанбаи камомӯхтаи фаъолияти Абубакри Розӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсияи Махсумзода Н. Д. баъди баррасии мухтасари таълифоти физикиву химиявии Абубакри Розӣ, ҳамчунин аз таълифоташ дар соҳаҳои донишҳои риёзӣ, ситорашиносӣ ва санъати танҷим маълумот дода шудааст, ки маълумоти нодир ба шумор меравад.

Дар боби хулоса ва пешниҳодоташ диссертант дуруст қайд менамояд, ки аввалин маротиба дар таърихи илм ва техника дар бораи ақида ва саҳми Абубакри Розӣ дар илмҳои риёзӣ, кайҳоншиносӣ ва ҳайатшиносӣ сухан рафтааст ва номгӯйи таълифоти ӯ дар ин соҳаҳо ба се забон: забони таълифи асар, забони арабӣ ҳамчун забони илми замона; забони тоҷикӣ ва забони русӣ, ҳамчун яке аз забонҳои илмии замони муосир нишон дода шудааст. Зеро дар таърихи илм ва техника ҳамеша дар бораи саҳми ӯ дар илми «кимиё» (химия) ва гоҳо «илми табиӣ» (физика) сухан мерафт. Бад-ин васила нишон дода шудааст, ки ӯ нафақат файласуф ва табиб ва ё табииётшиноси физикдону кимиёшинос, балки риёзидон (математик)-и замони худ низ маҳсуб мегардидааст, ки ин паҳлуи таълифоти ӯ камтаҳқиқ ва балки бетаҳқиқ боқӣ мондааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Арзиши назариявию методологии таҳқиқот дар он аст, ки дар он маҷмуи усулҳое истифода шудаанд, ки омӯзиш ва таҳлили осори табииётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро ташкил медиҳанд. Яъне усулҳои таърихӣ ба амсоли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, илмӣ-таърихӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ аз он ҷумла мебошанд.

Дар ҷараёни коркарди мавзуъ муаллифи он ба консепсияҳо ва назариёти бисёре аз олимони ватаниву хориҷӣ, аз қабили М. Диноршоев, А. Девонақулов, А.Ш. Комилӣ, Б.Р. Қурбонов, С. Ҳайдарова, У.И. Каримов, М. Наҷмободӣ, М. Муҳаққиқ, П. Азкоӣ ва дигарон, ки таҳқиқоташон бевосита ба мавзуи рисолаи таҳқиқшаванда наздиканд, такя намудааст.

Махсумзода Нигина Давлат **Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** худро чунин муайян кардааст, ки комилан дуруст мебошад:

- натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми навиштани корҳои бунёдии ҷамъбастӣ оид ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ва ҳамчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии табииётшиносӣ метавон истифода бурд;

– натиҷаи таҳқикот метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва дастурҳои тавсиявӣ барои магистрантону докторантони PhD ва донишҷӯёну унвонҷӯён, дар бораи навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад;
– натиҷаи кор инчунин барои омӯзгорони МТМУ МТММ ва МТОК-и кишвар манфиатовар буда метавонад;
– ниҳоят натиҷаи таҳқикот, албатта ҳангоми навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ барои муҳаққиқони соҳаи таърихи илм ва техника метавонад васеъ истифода бурда шавад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 интишороти умумӣ ба табъ расонида, аз он ҷумла 9 номгӯй мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия буда, боқимонда 11 мақолаву гузоришот дар дигар нашрияҳои гуногун, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**. Диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат тибқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тавсиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (бандҳои 1, 2 ва 3), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, ба расмия дароварда шуда, ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мубрамии таҳқиқоти мазкур асоснок карда шуда, мақсадҳои он дақиқ баён гардидаанд. Инчунин, дар автореферат

методҳои таҳлили назариявӣ ифода ёфта, эътимоднокӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳо асоснок гардидаанд.

Дар автореферат нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумот оид ба тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссератсия, шарҳи мухтасари бобоҳои диссератсия ва натиҷаҳою хулосаҳои кори диссератсионӣ пешниҳод карда шудаанд. Автореферат ва таълифоти муаллиф муҳтавои диссератсияро пурра инъикос менамоянд.

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сурати ба шакли монография чоп кардани он муфид хоҳад буд.

Ба андешаи мо нуктаҳои зеринро ҳамчун тавсия барои дар оянда боз ҳам беҳтару пурратар кардани таҳқиқоташ ба муҳаққиқи ҷавон Махсумзода Нигина Давлат пешниҳод кардан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Дар охири диссертатсия ҳамчун замима овардани рӯйихати рисолаҳои риёзиву табииётшиносии ин табиби овозадор, ба назари мо, арзиши волои корро боз ҳам беҳтар мегардонид.

2. Хуб мешуд, ки диссертант рисолаҳои риёзиву табииётшиносии омӯхташудаву номӯхташудаи Абубакри Розиро мушаххасан нишон медод.

3. Беҳтар мебуд, ки муаллиф дар диссертатсия ҳусну кубҳи тадқиқоти муҳаққиқони хориҷию ватаниро дар соҳаи таҳқиқоташ нишон медод.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан иштибоҳоти техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро ислоҳ намудан лозим аст.

Нуқтаҳои баёншуда танҳо тавсиявӣ ва пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши волои назариявӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад. Таҳқиқоти диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлатро ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои таърих
«17» 06 соли 2026 Раҳимзода Қурбоналӣ Назар

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш-ки. Данғара, кӯчаи марказӣ, хонаи №8.
Телефон: (+992) 904 43 42 14
E-mail: rahimzoda 89@mail.ru

«Имзои н.и.т., Раҳимзода Қ.Н.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара
«17» 06 соли 2026 Тоирзода С.Т.

Суроғаи муассиса:
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш-ки Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел.: (+992)8331222842
E-mail: dddangara 2013@mail.ru